**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОР**

Дар бораи лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Лоиҳаи замимагардидаи Ёддошти тафоҳум байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб маъқул дониста шавад.

2. Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ёддошти тафоҳуми мазкурро ба имзо расонад ва ҳангоми зарурат ба матни лоиҳа тағйиру иловаҳои хусусияти муҳимнадоштаро ворид намояд.

3. Вазорати корҳои хориҷӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида ҷониби Корея сана ва маҳалли ба имзо расонидани Ёддошти тафоҳумро мувофиқа намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 1 марти соли 2018 № 92
ш. Душанбе

Лоиҳа

**Ёддошти тафоҳум байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии Ҷумҳурии Корея оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб**

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии Ҷумҳурии Корея, ки минбаъд Тарафҳо номида мешаванд,

- бо эътирофи муносибатҳои дӯстонаи байни Тарафҳо ва манфиатҳои умумӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб,
- ба ҷонибдории ба роҳ мондани робитаҳо байни ҷамъиятҳои илмӣ ва тандурустии ҷамъиятии ду кишвар,
- ба мувофиқаи зайл расиданд:

**Моддаи 1**

Тарафҳо ҳавасмандкунӣ ва рушди соҳаи тандурустӣ ва илми тибро дар асоси баробарӣ, фоидаи мутақобилан судманд ва эҳтироми дуҷониба ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 2**

Тарафҳо дар амалӣ намудани ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба дар самтҳои зерин мусоидат менамоянд:

- хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ,
- мубодилаи олимон, коршиносон ва мутахассисони дигари соҳаи тандурустӣ, мусоидат ба таҷрибаомӯзӣ ва курсҳои такмили ихтисос барои шаҳрвандони Тарафҳо;
- бозомӯзии мутахассисони соҳаи тандурустӣ, ҷорӣ намудан ва мубодилаи малака ҷиҳати дастовардҳои беҳтарини таҷрибаи тибби Корея барои созмон додани марказҳои солимгардонӣ;
- лоиҳакашӣ ва сохтмони беморхона;
- гузаронидани тадқиқотҳои илмии муштарак ва коркарди технологияҳои нав дар соҳаи тандурустӣ;
- эътирофи иҷозатномаҳои табибони кореягӣ, кормандони тиб ва миёнаи тиббӣ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Корея барои фаъолияти кормандони тибби кореягӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, соддагардонии раванди бақайдгирии маводи фарматсевтӣ, маводи таъиноти тиббӣ, таҷҳизоти тиббӣ, ки дар Ҷумҳурии Корея истеҳсол мешаванд, аз ҷониби мақомоти дахлдор бо барҳам додани марҳилаи клиникӣ-озмоишӣ ва кам кардани муҳлати бақайдгирии онҳо;
- воридоти маводи доруворӣ ва маводи фарматсевтӣ;
- интиқоли технология ва мубодилаи таҷриба;
- иштирок дар анҷуманҳо, конференсияҳо ва чорабиниҳои дигар;
- лоиҳаҳои муштарак дар соҳаи тандурустӣ, тиб, дорусозӣ, илм ва техника;
- беҳтар намудани дастраси ба хизматрасонии тандурустии ҳар ду кишвар;
- мусоидат ба муассисаҳои тиббӣ як кишвар ба кишвари дигар;
- шаклҳои дигари ҳамкории мувофиқанамудаи Тарафҳо.

**Моддаи 3**

1. Тарафҳо ҳамкориро дар соҳаи дорусозӣ ва маводи таъинотӣ тиббӣ дар асоси қонунгузорӣ ва тартиботи кишвари худ рушд ва мустаҳкам менамоянд.

2. Ёддошти тафоҳуми мазкур метавонад самтҳои ҳамкории зеринро дар бар гирад:

- мусоидат намудан ҷиҳати бақайдгирии соҳибкорон дар бозори ду кишвар, таъмини онҳо бо иттилооти саривақтӣ оид ба қонунҳо, тартибот, ки масъалаҳои зеринро ба танзим медароранд: озмоишҳои клиникӣ, иҷозатнома оид ба фурӯши маводи доруворӣ дар ду кишвар;
- мубодилаи иттилоот оид ба маводи доруворӣ, аз он ҷумла ашёи хом барои доруворӣ;

- мубодилаи иттилоот дар бораи нарх ва ҷуброни нақшаҳои маводи доруворӣ;

- мубодилаи иттилоот дар бораи талабот ба ҳуҷҷатгузорӣ, таъмини сифат, бехатарӣ ва самаранокии арзёбӣ дар раванди додани иҷозат ба воситаҳои доруворӣ барои инсон;

- мубодилаи иттилоот дар бораи тендерҳо дар бораи ба даст овардани доруворӣ ва маснуоти таъиноти тиббӣ.

**Моддаи 4**

Тарафҳо мубодилаи иттилоотро дар бораи қонунҳои кишвари худ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи тандурустӣ ва илми тиб, инчунин иттилоот ва таҷриба дар соҳаи илми тиб, таҳияи технологияи нави тиббӣ ба роҳ мемонанд.

**Моддаи 5**

Тарафҳо барои ҳамкории бевосита байни муассисаҳои тиббӣ, марказҳои миллии тиббӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ширкатҳои дорусозӣ ва тиббии ду кишвар, ки манфиатҳои мутақобила доранд, кӯшиш менамоянд.

**Моддаи 6**

1. Тарафҳо дар асоси розигии мутақобила мубодилаи мутахассисони тибро бо мақсади мубодилаи дониш, таҷриба ва баланд бардоштани ихтисоси онҳо, инчунин барои амалӣ намудани фаъолияти якҷоя дар соҳаҳои афзалиятноки ду кишвар ба роҳ мемонанд.

2. Тамоми хароҷоти вобаста ба мубодилаи чунин коршиносон ва мутахассисон, аз он ҷумла нақлиёт, ҷои зист ва хароҷоти дигари аз ҷониби тарафи равонкунанда пардохт карда мешавад.

3. Хароҷоти дигари марбут ба иҷрои чорабиниҳои дар доираи Ёддошти тафоҳуми мазкур бо қарори Тарафҳо муайян карда мешавад.

**Моддаи 7**

1 Ёддошти тафоҳуми мазкур ягон уҳдадории иловагиро дар доираи қонунгузории дохилӣ ва ё байналмилалӣ талаб наменамояд.

2. Барои амалисозии Ёддошти тафоҳуми мазкур мақомоти салоҳиятдор инҳоянд:

- аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- аз ҷониби Ҷумҳурии Корея - шуъбаи тандурустии глобалӣ.

**Моддаи 8**

Ҳамаи баҳсҳое, ки дар хусуси тафсир ва истифодаи ин Ёддошти тафоҳум ба миён меоянд, бо роҳи машварат ва гуфтушунидҳои байни Тарафҳо ҳаллу фасл мешаванд.

**Моддаи 9**

Бо розигии хаттии Тарафҳо ба Ёддошти тафоҳуми мазкур метавонанд тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд, ки бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 10 Ёддошти тафоҳуми мазкур эътибор пайдо мекунанд.

**Моддаи 10**

1. Ёддошти тафоҳуми мазкур аз рӯзи ба имзо расидан эътибор пайдо менамояд.

2. Ёддошти тафоҳуми мазкур ба муддати 5 (панҷ) сол баста шуда, худ аз худ ба муҳлати 5 (панҷ) соли минбаъда тамдид меёбад, то лаҳзае, ки яке аз Тарафҳо 6 (шаш) моҳ қабл аз ба охир расидани муҳлати Ёддошти тафоҳум ба тарафи дигар оид ба нияти қатъи амали он бо роҳҳои дипломатӣ огоҳиномаи расмӣ ирсол накунад.

3. Ёддошти тафоҳум дар шаҳри ____________ "___" _________ соли 201__ дар ду нусхаи асл, ҳар кадом бо забонҳои кореягӣ, тоҷикӣ ва англисӣ ба имзо расидааст ва ҳамаи матнҳо эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд.

Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ихтилофот оид ба тафсири Ёддошти тафоҳуми мазкур, матни англисӣ бартарӣ дорад.

| | |
|---|---|
| Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва некуаҳволии Ҷумҳурии Корея |